# Сармоягузории мубориза бар зидди Тағйирёбии Иқлим тавасути Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон



“Хазинаи нави ҷаҳонӣ оид ба иқлим бояд идораи одилона ва беғаразона дошта бошад. Он бояд шаффоф бошад ва ба ҷомеаҳое, ки аз тағйирёбии иқлим осеб дидаанд, қудрати қабули қарорро диҳад”

Oxfam

# Мундарича

Руйхати ихтисораҳо

1. Муқадима
2. Вазъи Тоҷикистон
3. Осебпазирӣ аз тағйирёбии иқлим
4. Раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ) дар Тоҷикистон
5. Ақидаҳо оиди раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим
6. Пешниҳодҳо оиди иловаҳо дар раванди маблағгузорӣ ва назорату арзёбии БСМШТИ

Руйхати адабиётҳо

Истинодҳо

**Замимаҳо**

Нусхаи электронии замимаҳоро дар сомонаи Оксфам Тоҷикистон дастрас карда метавонед.

Сомона: www.oxfam.org.uk/what_we_do/where_we_work/tajikistan

| | |
|---|---|
| Замимаи 1 | Санади барномасозии БСМШТИ |
| Замимаи 2 | Миссияи БСМШТИ – окябри соли 2009 |
| Замимаи 3 | Гузориши муштараки миссияи БСМШТИ, октябри соли 2009 |
| Замимаи 4 | Миссияи миёнамуддати Бонкҳои Бисёрҷониба, марти соли 2010 |
| Замимаи 5 | Пешниҳоди марҳилаи 1-уми БСМШТИ, июни соли 2010 |
| Замимаи 6 | Миссияи БСМШТИ – окябри соли 2010 |
| Замимаи 7 | Чорчубаи мантиқии Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон (SPCR/БСМТИ) |
| Замимаи 8 | Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим, ноябри соли 2010 |
| Замимаи 9 | Ҳисоботи нимсолаи БСМШТИ, ноябри 2010 |
| Замимаи 10 | Нишасти форумҳои ҳамкории Хазинаи сармоягузории иқлим, соли 2010 |
| Замимаи 11 | Тавсияҳои Ташкилотҳои Ғайри Давлатии (Иттиҳодияҳои Ҷамъиятии) маҳаллӣ, октябри 2010 |
| Замимаи 12 | Пурсишнома |
| Замимаи 13 | Руйхати одамоне, ки дар ҷараёни ин омузиш пурсиш шудаанд |
| Замимаи 14 | Намояндагони ташкилотҳои гуногуни дахлдор, ки дар ҷаласаҳои машваратӣ ҳангоми миссияҳои муштараки Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба ширкат кардаанд. |

Гузориши мазкур аз ҷониби кормандони Оксфам БК дар Тоҷикистон дар асоси таҳқиқоти илмии Светлана Ҷумъаева аз Марказ оид ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хатари офатҳои табии дар Тоҷикистон, навишта шудааст.

*Иқтибос дар сафҳаи аввал ба Фил Айрланд – бахше аз лоиҳаи Оксфам дар Австралия UN Climate Tracker таалуқ дорад.*

# Рӯйхати ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| БРО | Бонки Рушди Осиё |
| БНМБ | Беморий Норасоии Масъунияти Бадан |
| АИ | Академияи Илмҳо |
| СҶМ | Созмони Ҷамъиятии Маҳалӣ |
| МТИ | Мутобиқшавӣ ба Тағйирёбии Иқлим |
| МТИКХО | Марказ оиди Тағйирёбии Иқлим ва Коҳиш додани Хатари Офатҳо |
| ХСИ | Хазинаи Сармоягузории Иқлим |
| СҶШ | Созмонҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ |
| ВРБ | Вазорати Рушди Байналмилалӣ (БК) |
| БАБР | Бонки Аврупоии Бозсозӣ ва Рушд |
| СОК | Созмони Озуқа ва Кишоварзӣ |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон |
| ҲТО | Ҳамкории техникии Олмон |
| КБМ | Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ |
| СҒБ | Созмонхои Ғайридавлатии Байналмиллалӣ |
| АҲБҶ | Агентии Ҳамкории Байналмилалии Ҷопон |
| ММ | Миссияи Муштарак |
| БРБ | Бонки Рушди Бисёрҷониба |
| БҶИИМК | Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Куҳистон |
| БММА | Барномаи Миллии Мутобиқсозии Амалҳо |
| СҒД | Созмони Ғайридавлатӣ |
| САҲА | Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо |
| БСМШТИ | Барномаи Санҷишӣ оиди Мутобиқсозӣ ба Шароити Тағйирёбии Иқлим |
| ССПКСК | Санади Стратегияи Паст Кардани Сатҳи Камбизоатӣ |
| ХСИ | Хазинаи Стратегии Иқлим |
| АШРҲ | Агентии Шветсария оид ба Рушд ва Ҳамкорӣ |
| БСМТИ | Барномаи Стратегии Мутобиқсозӣ ба Тағйирёбии Иқлим |
| ЧТ | ЧҶумхурии Тоҷчикистон |
| БК | Британияи Кабир |
| БРСММ | Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БЗСММ | Барномаи Зистмуҳитии СММ |
| МЧТИ | Муоҳидаи Чорчӯбии СММ оид ба Тағйирёбии Иқлим |
| Дол.ИМА | Доллари ИМА |
| БҶ | Бонки Ҷаҳонӣ |
| СҶТ | Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ |

# Шарҳи мухтасар

Тоҷикистон мамалакате аст, ки саноаташ хеле кам тараққӣ намуда, бо равнақ додани соҳаи гидроэнергетика қувваи барқ истеҳсол менамояд ва ин аст, ки фоизи ками газҳои гармхонаи (карбонӣ) хориҷ менамояд. Камбизоатӣ дар Тоҷикистон нисбатан дар минтақаҳои деҳот дида мешавад ва он ба занҳо зиёдтар мансуб аст, чунки шумораи зиёди мардҳо ба мамлакатҳои дигар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта истодаанд. Барои бисёрии сокинони минтақаҳои куҳистони Тоҷикистон қитъаҳои маҳдуди заминҳояшон, ягона манбаи даромади рузғорашон ҳаст, ки онҳоро ба тағйирёбии иқлим осебпазир менамояд.

БСМШТИ ҳамчун ташабус барои равона намудани захираҳо барои паст кардани осебпазирӣ нисбати тағйирёбии иқлим пазируфта мешавад. Бинобарин, зарурияти пайваст намудани БСМШТИ бо дурнамои тараққиёт вуҷуд дорад, ки дар ин сурат ҳама имкониятҳои маблағгузорӣ ба мубориза зидди камбизоатӣ равона мешавад ва ба масъалаҳои гендерӣ диққат дода ба нафароне, ки аз тағйирёбии иқлим таъсири бештар мебинанд, эътибор дода мешавад. Аз ин рӯ барнома иштироки васеъро дар раванди қабули қарорҳо ва назорати маблағгузории БСМШТИ талаб намуда, натанҳо боиси сатҳи баланди ҳисоботнокӣ мегардад, балки интихоби дурусти роҳҳои мубориза бар зидди камбизоатиро равнақ медиҳад, ки он ҳамчун ҷузъи афзалиятноки лоиҳа ҳисобида мешавад.

Гузориши мазкур як қатор тавсияҳоро оиди БСМШТИ ва дигар сармоягузориҳои алоқаманд ба тағйирёбии иқлимро дар бар мегирад.

- Равона рамудани ҳама кушишҳо барои бартараф намудани эҳтиёҷоти нафароне, ки нисбатан осебпазиранд
- Тарафдори намудани Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи асосӣ дар тарҳезии лоиҳаҳо ва равонсозии маблағҳои БСМШТИ
- Кафолат додани иштироки ҳамаҷониба ва назарраси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ дар раванди банақшагирӣ ва истифодаи хазинаҳои иқлим
- Таъмин намудани баробарии гендерӣ ва иштироки фаъолонаи занҳо, ҳамчун ҷузъи асоси дар истифодаи хазинаҳои иқлим
- Равнақ додани қобилияти кормандони сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳравандӣ барои дастгирӣ намудан дар амалисозии барномаҳои оиди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим
- Таъмин намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ба аҳолии Тоҷикистон оиди истифодабарии маблағҳои хазинаҳои иқлим
- Равандҳои миллии маблағгузории тағйирёбии иқлим бояд ба моделҳои вуҷуддошта такя намоянд.

# Муқадима

Дар гузориши мазкур натиҷаҳои пурсишҳои босифат, ҷиҳати таҳлили раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон, ки мавриди амалиёбӣ қарор дорад, дарҷ гардиданд. Мақсади асоси ин пешниҳод намудани тавсияҳои муносиб оиди беҳтар намудани тақсимоти маблағҳо барои ба роҳ мондани чораҳои мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар шароити Тоҷикистон аст. Маълумоти мазкур дар асоси як силсила мусоҳибаҳо ва баҳсҳои гурӯҳи корӣ бо тарафҳои дахлдори зерин: кормандони сохторҳои давлатӣ, олимон, шарикон дар самти тараққиёт, намояндагони Бонки




Сохтори 1. Сохтори Хазинаи сармоягузории иқлим
http://www.climateinvestmentfunds.org/cif/designprocess

Рушди Бисёрҷониба ва мақомотҳои дуҷониба, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ асос ёфтааст.

Гузориш бо дастгирии Оксфам интернешнл (Oxfam International) дар доираи ташаббуси ҷаҳонӣ (глобалӣ), доир ба сармоягузории амалҳои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар ҳафт[1] кишвари саросари ҷаҳон, омода шудааст.

**Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароти тағйирёбии иқлим**

Хазинаҳои Сармоягузории Иқлим (ХСИ) воситаҳои молиявие шуморида мешаванд, ки лоиҳаҳои озмоишии ба роҳ мондани истеҳсоли карбони кам ва ба шароити тағйирёбии иқлим устуворро дар самти тараққиёт аз тариқи Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба (БРБ) таҳти Муоҳидаи чорчӯбии СММ оид ба тағйирёбии иқлим маблағгузорӣ менамояд. Котиботи ХСИ дар Бонки ҷаҳонӣ муайян шуда, маблағҳо аз кишварҳои маблағгузор таъмин мешавад. Хазинаи Сармоягузории Иқлим аз ду хазинаи марбут иборат аст, ки он Хазинаи технологияи тоза (ХТТ) ва Хазинаи стратегии иқлим (ХСИ) мебошанд. Хазинаи Стратегии Иқлим аз се барномаи озмоиши оид ба амалисозии иқдомҳои нав вобаста ба иқлим иборат аст: Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ), Барномаи сармоягузории ҷангал (БСҶ) ва Барномаи афзоиши манбаъи таҷдидшавандаи энергия дар кишварҳои дороии даромаднокии кам (БАМТЭ)[2].

Сохтори идоракунӣ ва созмонии ду хазинаи зери ҳадаф қарордоштаи Хазинаи сармоягузории иқлим, Хазинаи технологияи тоза (ХТТ) ва Хазинаи стратегии иқлим (ХСИ) иборат аст аз Кумитаи хазинаи эътимод, Форуми ҳамкорӣ, Кумитаи Бонки Рушди Бисёрҷониба, гуруҳи идорӣ ва маъмурияти боэътимод. Гуруҳи административӣ (идорӣ), Кумитаи Хазинаи эътимод ва маъмурияти боэътимод ба ҳар ду хазинаи эътимодӣ тааллуқ доранд. Ҳар хазина Кумитаи Хазинаи эътимоди худро дорад ва Хазинаи стратегии иқлим барои идора кардани ҳар барномаи мавриди ҳадаф зеркумитаҳои худро дорад. Ҳар Кумитаи Хазинаи эътимод ва зеркумита аз тариқи намояндагии баробар аз ҷониби кишварҳои саҳмгузор ва қабулкунанда ташкил мeёбад. Акционерони Хазинаи сармоягузории иқлим намояндагиҳои Бонкҳои рушди бисёрҷониба, СММ ва муассисаҳои СММ, Барномаи ҷаҳонии ҳифзи муҳити зист (GEF), кишварҳои имзокардаи Муоҳидаи чорчӯбии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, Хазинаи мутобиқшавӣ, Муассисаҳои рушди дуҷониба, намояндагони халқҳои бумӣ, ниҳодҳои бахши хусусӣ ва коршиносони

илмӣ ва техникӣ мебошанд[3].

Мақсади Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим - ин кӯмак расонидан ба кишварҳо барои гузаштан ба тарзи рушди устувор ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқ бо ҳадафҳои миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди устувор мебошад[3].

Нуҳ кишвари зерин ва ду минтақа ҷиҳати иштирок ба Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ) даъват карда шуданд: Бангладеш, Боливия, Камбоҷа, Мозамбик, Непал, Нигер, Тоҷикистон, Яман, Замбия ва минтақаҳои Уқёнуси Ором ва Баҳри Кариб. Иштирок дар БСМШТИ меъёрҳои зерринро дар бар мегирад: сатҳи осебпазирӣ нисбати хатарҳо ва таъсири тағйирёбии иқлим, омодагии кишвар ҷиҳати ҳаракат кардан ба сӯи нақшаҳои инкишофи муқовимат ба тағйирёбии иқлим, ҷудо намудани кишварҳо ба минтақаҳо ва намудҳои хатарҳо. Аз 972 милион доллари эълоншуда, дар моҳи октябри соли 2010 ҳаҷми умумии маблағҳои ҷамъовардашуда (маблағҳои мавҷуд дар Хазинаи эътимод) барои БСМШТИ 340 миллион долларро ташкил кард. Аз ин маблағи умумӣ 614 миллион доллари эҳдошуда захираҳои грантӣ мебошанд ва 358 миллион (эҳдо аз Британияи Кабир) бояд ҳамчун маблағи имтиёздор (консессионӣ) истифода шавад[4]. Маблағҳо аз Британияи Кабир, ИМА, Ҷопун, Норвегия, Олмон, Дания, Канада ва Австралия ирсол мешаванд.

Маблағгузории БСМШТИ дар ду марҳила таъмин мешавад. Марҳилаи кӯтоҳмуддат ба мӯҳлати 12-18 моҳ, барои омода кардани барномаҳои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим ва марҳилаи дувум, амалисозии барнома барои 3-5 сол (Замимаи 1) мебошад.

Дар ҳолати таъсис додани хазинаҳои сармоягузории мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим (ХСИ) соли 2008, як тавзеҳ қабул шуда буд, ки то ҷорӣ шудани шакли нави маблағгузорӣ таҳти реҷаи Муоҳидаи чорчӯбаи СММ оиди тағйирёбии иқлим (МЧСММ) ин хазинаҳо истифода бурда намешаванд.

Дар конфронси шонздаҳуми қаблии ҷонибҳо дар ш.Канкун барои таъсис додани Хазинаи Сабзӣ Иқлим қарор қабул шуд, ки он аз ҷониби шӯро аз намояндагони мамлакатҳои мутараққӣ ва ру ба инкишофи аъзо, идора карда мешавад.

Оксфам боварӣ дорад, ки ин қарор бояд тавзеҳи номбаршударо амалӣ созад ва аз БСМШТИ ба маблағгузорӣ аз Хазинаи нави Иқлим гузарад.

# Вазъи Тоҷикистон

Тоҷикистон – роҳи баромад ба баҳр надорад ва фақиртарин кишвар дар Осиёи Марказӣ мебошад. Давраи душвори гузариш пас аз касби истиқлол (1991), ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва офатҳои табиии такрорӣ боиси камбизоатии саросарӣ махсусан дар миёни аҳолии деҳот гардид.

Кишвар дорои сатҳи баланди камбизоатӣ мебошад ва даромад ба сари як нафар 550 доллари ИМА-ро (Методи атласи Бонки ҷаҳонӣ, 2009[5]) ташкил медиҳад. Ҳисоб шудааст, ки аз ҳафт миллион аҳолӣ 53 дарсад дар зери хатти камбизоатӣ, ки даромади онҳо баробар аст ба 41 Долл.Америкои дар як моҳ ва 17 дарсад дар зери хатти камбизоатии шадид зиндагӣ мекунанд, ки даромади моҳҳонаи онҳо 26 долл. америкоиро ташкил медихад. Тақрибан 71 дарсад мардуми камбизоат ва 76 дарсад мардуми камбизоати шадид дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ мекунанд[6].

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки барои ихроҷи газҳои гармхонаӣ (гулхонаӣ) – сабабгори тағйирёбии иқлим[7] камтар масъулият дорад, вале ба таъсири тағйирёбии иқлим беш аз ҳама осебпазир аст. Вазъияти гайричашмдошти обу ҳаво ва офатҳои табиӣ, камбизоатии мардуми деҳотро боз ҳам вазнинтар мекунад[8].

Ҳукумати Тоҷикистон воқеият ва муҳимияти тағйирёбии иқлим ва таъсири онро эътироф мекунанд ва барои рафъи душвориҳои алоқаманд ба тағйирёбии иқлим қадамҳои муҳим мегузорад. Тоҷикистон Муоҳидаи чорчӯбии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва Протоколи Киёторо тасвиб кардааст. Тоикистон Ҷаласаи аввалини миллӣ (соли 2003) ва Ҷаласаи дувуми миллиро вобаста ба Муоҳидаи чорчӯбии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (2008) баргузор намуд ва дар ин мубоҳисаҳо мавридҳои асосии осебпазирӣ ва Нақшаи амали миллӣ барои коҳиши тағйирёбии иқлим муайян шуданд (2003)[9]. Дар ҷаласоти мазкур фаъолиятҳои афзалиятдор барои вокуниш нишон додани ниёзҳои фаврӣ ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мушаххас карда шуданд.



# Осебпазирӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим



Аксбардор: Оксфам БК.

Дар раванди рушди устувори ҷомеа занхо нақши асосӣ мебозанд. Онҳо пешбарандаҳои асосии рузғор буда, тарбияи фарзандон, нигоҳубини пиронсолон ва беморон дар оила ба души онҳост. Бинобарин онҳо ба гурухи дастгирии заифи иҷтимоӣ дошта дохил мешаванд, ки ба онҳо тағйирёбии иқлим таъсири бештар мерасонад. Байни ҳаёти занон ва тағйирёбии иқлим, аз ҷумла устувории ҷомеа аз таъсири тағйирёбии иқлим як вобастагии тарафайн вуҷуд дорад. Аз шумораи умумии фаъолиятҳои рузғор, кишоварзӣ ва коркарди ҳосили он барои озуқа ба души занҳо рост меояд, аммо бил охир онҳо нафароне ҳастанд, ки ба масъалаи дастрасии маҳдуд доштан ба захираҳои об ва барқ ру ба ру мешаванд, ки ин натиҷаи таъсири якчанд омил аст, аз ҷумла он ба тағйирёбии вазъияти муҳити зист алоқаманд аст.

Дар байни аҳолии камбизоат дар Тоҷикистон занҳо бо якчанд сабаб шумораи зиёдро ташкил мекунанд; яке аз сабаби асоси ин теъдоди чашмраси муҳоҷирати мардон барои кор дар дигар минтақаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки боиси афзоиши теъдоди зиёди хонаводаҳое мегардад, ки сардорашон занон мебошанд. Ба занон тааллуқ гирифтани камбизоатӣ умуман ба муносибатҳо нисбат ба хуқуқи занон дар оила вобаста буда, ин ба сатҳи дастарасии онҳо ба таҳсил, кори музддор ва хуқуқи ибрози ақида дар ҷомеа таъсир мерасонад.

Имкониятҳои ниҳоят маҳдуди кор кардани пул дар деҳоти Тоҷикистон, мардонро ба муҳоҷират маҷбур месозад, ки он боиси пеш бурдани бори рузғор аз ҷониби занонҳо мегардад ва онҳоро ба маблағҳои фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ, аз мардони хешу табор, вобаста менамояд. Ин даромад аксари вақтҳо қобили эътимод нест ва мумкин аст ба пуррагӣ қатъ шавад ва занон маҷбуранд тавассути хоҷагидории кӯчак дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ хонаводаи худро бо озуқа таъмин намоянд.

Оилаҳо дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон дорои шумораи зиёди кӯдакон мебошанд, ки бештар масъалаҳои камбизоатӣ ва сарбории кориро ба дӯши занон душвортар месозад. Занон ва духтарон дар муқоиса бо мардон ва писарон барвақттар аз таҳсил хориҷ карда мешаванд. Ин боиси сатҳи пасти маълумотнокӣ ва соҳиби касб шудани онҳо мегардад, ки дар натиҷа барои таъмин шудан бо ҷои кори музддор барои занҳо монеа мешавад. Дар чорчӯби муносибатҳои маҳаллии иҷтимоии марду зан, вобастагии молиявии занон аз шавҳарон холати «муқаррарӣ» ҳисобида мешавад ва фаъолиятҳои занро танҳо машғул будан бо корҳои маъмулии рузғор ва оила, маҳдуд менамояд.



Аксбардор: Оксфам БК.

Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ буда, камтар аз ҳафт дарсади замини он қобили кишт аст, бо ин ҳол зиндагии тақрибан аз се ду ҳиссаи аҳолии он аз кишоварзӣ, хамчун манбаи асосии даромад, вобастагӣ дорад – ки он асосан иборат аст аз маводи озуқа барои истеъмоли худ ва ҳаҷми ками он барои фурӯш дар бозор истеҳсол мешавад[10].

Дар қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тағйироту иловаҳо ба барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ барои таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2010" гуфта мешавад: "Мавқеи ҳозираи занон дар Тоҷикистон дар муқоиса бо мардон дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ ба шумули имкониятҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба моликият ва замин ва ғайра маҳдуд аст"[11]. Ҳарчанд дар солҳои охир ҳукумат ба проблемаи дастрасии баробар ба захираҳо барои мардон ва занон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад, вале ҳанӯз ҳам муқаррароти гендерӣ ба пешрафти занон ва кӯшишҳо барои ғалаба бар нобаробарии гендерӣ таъсири манфӣ мерасонад. Тағйир додани меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар мавриди нақши занон ва мардон вазифаи душвор мебошад, ки он вақт ва чораҳои ҳадафмандро ҳам аз тарафи давлат ва ҳам аз тарафи ҷомеаи шаҳрвандӣ талаб мекунад.

Бисёр вақт занон барои иштирок дар мубоҳисаҳо оиди тағйирёбии иқлим мубориза бурда, мехоҳанд овози онҳо низ эътибор дошта бошад. Ба назардоште, ки занон дар оила ва ҷомеа нақши муҳим доранд, онҳо оиди таъсис ва амалисозии фаъолиятҳои нав дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дониши бебаҳо доранд, аммо мутаасифона овоз ва таҷрибаҳои онҳо дар бисёр холат аз мадди назар дур мемонанд.

Рушди ояндаи соҳаи кишоварзиро сатҳи пасти ҳавасмандии истеҳсолкунанда,дигаргуншавии бозор, таҳдидҳои муҳити зист ва баъзан муҳити маҳдудкунандаи қонунӣ ва андозбандӣ монеа мешавад.

Мардуми Тоҷикистон ҳангоми ру ба ру шудан бо мушкилиҳо тоқатовар буда, аз имкониятҳо низ ба хуби истифода мебаранд, барои мисол мавсими хуби соли 2009 нишон дод, ки аз боду ҳавои мувофиқ истифода бурда ҳосили нағз руйониданд. Аз руи маълумоти СОК (ФАО) истифода аз боришоти саривакти, тухмии хушсифат ва ҳам истифодаи васеи нуриҳои минералӣ дар маҷмуъ ба беҳбудии номбурда ноил гаштанд. Аммо тағйирёбии иқлим метавонад ба иқтидори онҳо барои бартарафсозии мушкилиҳо таҳдид намояд, агар баландшавии ҳарорати ҳаво чунин идома ёбад.

Мувофиқи ҳисоботи охирини Бонки Чаҳонӣ[12], Тоҷикистон дар минтақа аз ҳама кишвари ба тағйирёбии иқлим осебпазир ба ҳисоб рафта, соҳиби камтарин иқтидори мутобиқшавист. Иқтидори мутобиқшавӣ ин мавҷудияти механизми муайянсозии тағйирёбии иқлим аст, ки дар худ муайян намудани тағйирпазирии иқлим ва ҳолатҳои фавқулоддаро барои кам кардани зарарҳои эҳтимолдошта, истифодаи имкониятҳо ва бартарафсозии ҳолатҳо дар бар мегирад[13].

# Раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон

Тоҷикистон барои иштирок кардан дар Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ) аз ҷониби Гурӯҳи коршиносии БСМШТИ дар моҳи январи соли 2009 номзад шуда буд ва бар асоси ин даъватнома Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ва хоҳиши худро барои иштирок дар Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар моҳи майи соли 2009 тасдиқ намуд[14].

Роҳбари Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқ-созӣ ба шароити тағйирёбии иқлим аз ҷониби Ҳукумат муовини сарвазир ва ҳамохангсоз (координатор) муовини раиси Шӯъбаи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулоддаи дастгоҳи иҷроияи Президент мебошанд. Амалисозии дастгирии техникии он аз ҷониби Муассисаи давлатии гидрометеорология, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Вазорати энергетика ва саноат, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об ба роҳ монда мешавад. Дар ин замина тағйиротҳои кормандони ҳукуматӣ моҳи апрели соли 2010 ва таъини корманди нав барои ин вазифа моҳи августи соли 2010, муваққатан фаъолияти маркази ҳамоҳангсозии БСМШТИ-ро катъ намуд.

**Марҳилаҳои асоси дар раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон**

**Аввалин миссияи муштарак, октябри соли 2009**

Нахустин миссияи муштараки Барномаи санҷишӣ барои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим моҳи октябри соли 2009 баргузор шуд, ки он аз ҷониби чор муассисаи молиявии байналмилалӣ Бонки Ҷаҳонӣ, БРО, КБМ ва БАБР ташкил шуда буд. Дар он ҳамчунин Вазорати рушди байналмилалии БК, АШРҲ ва БРСММ иштирок карданд. Барои таҳлил ва муайянсозии афзалиятҳо аз руи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар алоқамандӣ бо осебпазириҳо нисбати тағйиротҳои иқлимӣ, ҳамчунин мизи мудаввар бо ҳузури иштирокчиён аз ҳисоби намояндагони тарафҳои дахлдор аз рӯи рӯйхати муайяншуда гузаронида шуд (ниг. Замимаи 14).

<u>Натиҷаҳои миссия</u>: Гузориши миссия дар бораи соҳаҳои афзалиятдор, тафсилоти фаъолиятҳо ва қадамҳои баъдӣ барои таҳлили БСМШТИ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба тасдиқ карда шуд (Замимаи 2 – Гузориши якуми миссия) Мавзӯъҳои муҳими потенсиалии зерин муайян карда шуданд:

Фаъолиятхо дар сатҳи миллӣ

- Пурзур намудани иқтидори мамлакат оиди омодасозӣ ва истифодаи самараноки маълумотҳо нисбати тағйирёбии иқлим ва донишҳо дар бораи иқлим;
- Тақвияти сохторҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои идора кардани хатарҳои иқлимӣ байни соҳаҳо;
- Эҷод кардани пайвандҳои қавитар миёни ҳадафҳои коҳиши камбизоатӣ, рушди иқтидор ва мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим.

Амалҳо дар сатҳи бахшҳо

- Коҳиши осебпазирии бахши энергетикӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим
- Тақвияти зарфияти кишвар оиди омодагӣ ба офатҳои табиии алоқманд ба тағйирёбии иқлим
- Эҷоди тавоноии муқовиматии бахши кишоварзӣ ва иқтисоди деҳот барои коҳиши осебпазирии он нисбат ба таҳдидҳои тағйирёбии иқлим;
- Арзёбии осебпазирии инфрасохтории роҳҳо

Амалҳо аз руи лоиҳа

- Ба роҳ мондани омузиши лоиҳаҳо бо мақсади баҳодиҳии хатарҳои вобаста ба иқлим ва роҳандозии равишҳои

тағйирёбанда барои беҳтар намудани муқовиматсозӣ ба иқлим, ҷиҳати дастгирии сармоягузориҳои устувори дарозмуддати ҳозира ва оянда
- Воридсозии дониши маҳаллӣ ва ташаббусҳои мутобиқсозӣ ба тарҳрезии лоиҳа ва чораҳои амалисозӣ

Амалҳо дар сатҳи маҳаллӣ бо аҳолӣ
- Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазир дар байни аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳои камбизоати деҳот, занон, кӯдакон ва ақалиятҳо.

**Миссияи миёнмуддати Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба, моҳи марти соли 2010**

Миссияи муштараки миёнмуддат моҳи марти соли 2010 бо иштироки Бонки Ҷаҳонӣ, БРО ва БАБР баргузор гардид. Баъди вохуриҳо бо муассисаҳои дахлдори ҳукуматӣ, иловатан мизи мудаввари якрӯза барои шунидани андешаҳои дигарон оид ба фаъолиятҳои пешниҳодшуда баргузор гардид. Дар таҳлилҳо коршиносони ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ иштирок намуданд. (ниг. Замимаи 14) Аз ҷумла вохуриҳо бо ташкилотҳои байналмилалии алоҳида, донорҳои дуҷониба ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ доир карда шуданд.

<u>Натиҷаи миссия</u>: Нусхаи хомнависи лоиҳаи (пешниҳод) пурра барои Марҳилаи аввал таҳия гардид. Пешниҳоди мазкур аз фаъолиятҳои зерин иборат буд (ниг. Гузориши миссия дар Замимаи 4).

- Таҳлили ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва муайян намудани самтҳо барои беҳтар намудани тавонмандӣ нисбати мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим
- Тараққӣ додани илм дар бораи иқлим ва моделбандии ҳамкорӣ дар Тоҷикистон
- Баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ оиди тағйирёбии иқлим
- Тақвияти муқовимсозии бахши энергетикии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим
- Таҳлили равишҳои идоракунии устувори замин дар шароитҳои тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон
- Таҳлили Равиши амалҳо оиди ҳавзаи дарёҳҳо, устувории онҳо ба тағйирёбии иқлим ва экосистема.

**Миссияи моҳи июни соли 2010**

Миссияи кутоҳмуддат аз тарафи Бонки Рушди Бисёрҷониба бо хотири махсус кор кардан бо сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ ва вазоратҳо аз руи санади Барномаи Стратегии Мутобиқсозӣ ба Тағйирёбии Иқлим (БСМТИ/SPCR) баргузор гардид.

<u>Натиҷаи миссия:</u>

Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба ва Ҳукумат дар мавриди таҳияи пешниҳоди Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим ба пешрафт ноил шуданд.

**Миссияи дувуми муштарак, октябри соли 2010**

Миссияи дувуми муштарак моҳи октябри соли 2010 аз ҷониби Хукумат ва Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба баргузор гардид. Дар анҷоми миссия як вохурии иловагӣ бо иштироки тарафҳои дахлдор барои таҳлил намудани натиҷаи миссия ва пешниҳодҳои Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим гузаронида шуд.

<u>Натиҷаи миссия:</u>

Лоиҳаи ниҳоии Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим барои 50 миллион доллари ИМА барои баррасии ҳукумат таҳия шуд. Аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон сохтори ҳамоҳангсозӣ таъсис дода шуд, ки он барои шомил намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва саҳмдорони дигар кумак мерасонад.

Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон дар оғози ноябри соли 2010

тасвиб ва аз ҷониби Зеркумитаи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ) дар моҳи ноябри соли 2010 дар Вашингтон, ИМА тасдиқ шуд.

**Идораи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (БСМШТИ) / Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим (БСМТИ)**

Бонки Ҷаҳонӣ, БРО ва БАБР ба раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим мусоидат карданд.Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир дар навбати худ барои рушди Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути чалб намудани мушовирон аз ширкати машваратии байналмилалии AEA кумаки техникӣ расонид. Мушовирон дар Тоҷикистон фаъолиятро дар идораи давлатии обу ҳавосанҷи Гидрометеорологӣ пеш мебуданд. Бонкҳои рушди бисёрҷониба аз соҳаҳои дахлдор коршиносонро ба муддати кӯтоҳ ҷиҳати дастгирии таҳрезии раванд таъмин намуданд.

Пешниҳодҳо барои маблағгузории Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим муштаракан аз ҷониби ҳукумат ва Бонкҳои дахлдори рушди бисёрҷониба омода карда шуданд, ҳарчанд кормандони Бонкҳои рушди бисёрҷониба зимни мусоҳиба изҳор карданд, ки набуди зарфият дар дохили ҳукумат чунин маънӣ дорад, ки бештари корҳо аз ҷониби кормандон ва мушовирони  Бонкҳои рушди бисёрҷониба анҷом шудааст. Дархостномаи марҳилаи I-ум барои дастгирии кишвар ҷиҳати таҳияи Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим ба шумули кумаки техникӣ барои омода кардани барномаи сармоягузорӣ таҳия гардид. Марҳилаи II-юм барои таъмини маблағгузории амалисозии Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим таҳия шуд. То имрӯз зеркумитаи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим ҷудокунии маблағро барои марҳилаи I (июни 2010) ва Марҳилаи I I (ноябри 2010) барои Тоҷикистон тасдиқ намуд.

Маблағгузории Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон ба воситаи бонкҳои рушди бисёрҷонибаи зерин Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба (БРБ): Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё ва Бонки Аврупоии Бозсозӣ ва Рушд идора мешавад. Бонки ҷаҳонӣ ҳамоҳангиро миёни бонкҳои бисёрҷонибаи рушд ва ҳукумат анҷом медиҳад. Ҳамоҳангсозони пешбари раванди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим дар дафтарҳои марказии бонкҳои бисёрҷонибаи марбута дар Вашингтон, Манила ва Лондон ҷойгиранд, онҳо дар идораҳои кишвари худ дар Тоҷикистон ҷойгир нестанд.  Дар ҳукумати Тоҷикистон шахси тамоси Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим муовини раиси Шӯъбаи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда дар назди Дастгоҳи иҷроияи президент мебошад.

**Марҳилаи 1- Фаъолиятҳо ва иҷрокунандагон**

Марҳилаи 1-и Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим, амалисозии лоиҳаҳоро бо давомнокии 12-18 моҳ дар шаш самти зерин фаро мегирад:

Ҷадвали 1. Марҳилаи 1- Фаъолиятҳо

| Фаъолият | Иҷрокунанда | Давомноки | Маблағ аз БСМШТИ |
|---|---|---|---|
| Ф.1. Таҳлили ниҳодӣ (институтсионали) ва муайян намудани самтҳо барои беҳтар намудани тавонмандии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим<br><br>(Таҳрезии Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим, иловатан аз тарафи Вазорати Рушди Байналмилалии БК маблағгузорӣ шуд, аз ҷумла гурӯҳи машваратчиён AEA дастгири намуд) | Таҳти роҳбари БҶ ва ба воситаи дастгирии грантии БРСММ | Октябри соли 2010 то окябри соли 2011 (12 моҳ) | $150,000 |
| Ф.2. Тараққӣ додани илм дар бораи иқлим ва моделбандии ҳамкорӣ дар Тоҷикистон | Таҳти роҳбарии БРО | Октябри 2010 то июли соли 2011 (9 моҳ) | $350,000 |
| Ф.3. Баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ оиди тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон | Таҳти роҳбари БҶ ва мутобиқи тартиботи грантӣ бо БРСММ | Октябри соли 2010 то декабри соли 2011 (14 моҳ) | $125,000 |
| Ф.4. Муайян кардани роҳҳои беҳтар намудани тақвиятдиҳии муқовимсозии бахши энергетикии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим | Таҳти роҳбарии БАБР | Сентябри 2010 то моҳи майи 2011 (9 моҳ) | $300,000 |
| Ф.5. Таҳлили равишҳои идоракунии устувори замин бо назардошти холати тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон | Таҳти роҳбарии БҶ | Декабри соли 2010 то июли 2011 (7 моҳ) | $200,000 |
| Ф.6. Таҳлили равиши мутобиқсозии ҳавзаи дарёҳо ба ҳолати устувории иқлим | Таҳти роҳбарии БРО | Октябри 2010 то июли 2011 (9 моҳ) | $400,000 |

**Марҳилаи II – амалисозии Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим (лоиҳаҳо ва иҷрокунандагон)**

Ҷадвали 2. Сармоягузориҳо ба Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим – Марҳилаи II

| **Номи лоиҳа** | **БРБ** | **Маблағи дархостшуда барои БСМШТИ ($)** | **Шакли маблағгузорӣ** | **Ҳаммаблағгузории интизорраванда ($)** | **Сарчашмаҳои ҳаммаблағгузорӣ** | **Пардохти БРБ аз БСМШТИ ($)** | **Буҷаи умумии лоиҳа ($)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Эҷоди тавонмандӣ барои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим | БРО | $3 M | Грант | Бояд маълум шавад | Бояд маълум шавад | $400K | $3.4 M |
| Беҳдошти хаво, иклим ва пешниҳоди хизмат расонии гидрологи | БҶ | $7 M | Грант | $6M грант $1M | БҶ-IDA Government | $400K | $14.4 M |
| Илм дар бораи иқлим ва барномаи моделбандӣ | БРО | $3 M | Грант | Бояд маълум шавад | Бояд маълум шавад | $300K | $3.3 M |
| Таҳкими муқовимсозии бахши энергетикӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим | БАБР | $10 M | Грант | $30 m loan, $15 m loan, €15 m grant. | БАБР EBI Комиссияи Аврупо | $350K | $70.35M |
| Сохаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори замин | БҶ | $9.45 M | Грант | Бояд маълум шавад | Бояд маълум шавад | $400K | $9.85 M |
| Бехтар намудани шароити мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ | БРО | $15.3M | Грант | Бояд маълум шавад | Бояд маълум шавад | $400K | $15.7 M |
| **Ҳамагӣ** | | **$47.75 M** | | **$67 M то имрӯз** | | **$2.25 M** | **$117 M** |

БРО маблағгузории муваққатии котиботи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлимро дар мархиллаи аввали таъсисдихии он, таъмин хоҳад кард.

# Ақидаҳо оиди Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим



Аксбардор: Оксфам БК.

Ин қисмати гузориш як катор фикру ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба тарики мусоҳибаҳо бо тарафҳои дахлдор дар бораи раванд ва қарорҳои қабулшуда оид ба БСМШТИ ҷамъоварӣ шудаанд. Руйхати пурраи тарафҳои дахлдор, ки барои ин таҳқиқ мусоҳиба шуда буданд, дар Замимаи 13 оварда шудааст.

<u>Иштирок ва ҷалбшавии тарафҳои дахлдор</u>

Масъалаи иштирок ва ҷалбшавии тарафҳои дахлдор дар ҷараёни БСМШТИ аз тарафи онҳое, ки мавриди мусоҳиба қарор гирифтанд, зиёд баррасӣ гардид.

Намояндагони бонкҳои рушди бисёрҷониба (БҶ, БРО ва БАБР) қайд намуданд, ки бинобар маҳдуд будани тавонмандиҳои ниҳодҳои миллӣ пеш бурдани марҳилаи омодагӣ аз ҷониби онҳо зарур буд.Аз ҷумла таъин намудани шахси мутассади дар сатҳи ҳукумат оиди тағйирёбии иқлим вақти зиёд гирифт, ки он дар раванди кор вазъи ногувор ба вуҷуд овард.

Намояндагони БҶ маҳдуд будани вақти ҷудошударо барои машваратҳои васеъ эътироф карданд; ба ҳар ҳол онҳо ишора карданд, ки дар вақти Миссияи муштарак боздидҳои саҳроӣ ба лоиҳаҳо барои сӯҳбат кардан бо аъзоёнии ҷомеа ва хоҷагиҳо бо пуштибонии бонкҳои рушди бисёрҷониба ташкил карда шуданд.

Бонкҳои рушди бисёрҷониба таъкид карданд, ки ҳамаи интизориҳои тарафҳои дахлдорро оиди ҳаллу фасли мушкилиҳои алоқаманд бо тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон ин раванди БСМШТИ дар бар гирифта наметавонад.

БСМШТИ барномаи санҷишӣ буда, имкониятҳоро барои тағйиротҳо нишон медиҳад. Ин барнома роҳи ҳалли ҳамаҷониба ва умумӣ нест ва он дорои ҳама захираҳо барои қаноатманд намудани ҳама ниёзҳоро (эҳтиёҷот) дар ихтиёр надорад.

Намояндаи ҳукумат вобаста ба БСМШТИ таъкид кард, ки дар ин марҳилла беҳтар намудани тавонмандиҳои сохторҳои ҳукуматӣ ва аз худ намудани таҷрибаҳо барои дуруст ба роҳ мондани амалҳо дар самти мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим ниҳоят зарур аст.

Ба бисёр сохторҳои ҳукуматӣ барои ба роҳ мондани омузиши бештар оиди таъсири тағйирёбии иқлим ба Тоҷикистон дастгирӣ зарур аст. Якчанд вазоратҳои марбута ва ташкилотҳои давлатӣ дар тарҳрезии БСМШТИ ҷалб шуда буданд, бинобар надоштани таҷрибаи кофӣ дар ин самт, имконияти саҳмгузории ин ташкилотҳо маҳдуд буд.

Аз ҷониби баъзе аз вазоратҳо шахси мутассади (дар тамос) барои пайгири намудан ва саҳмгузории техники ба раванди БСМШТИ, таъин нашуда буд.

Намояндагони ҳукумат дар вақти мусоҳиба чунин изҳори нигаронӣ карданд, ки теъдоди коршиносони ҷалбшудаи тоҷик дар таҳияи БСМШТИ/ БСМТИ (SPCR) бисёр маҳдуд будааст, дар ҳоле ки маблағҳои зиёде барои пӯшонидани хароҷот ва пардохтҳои коршиносони байналмилалии даъватшуда истифода шудааст.



Аксбардор: Оксфам БК.

Намояндаи ҳукумат изҳор кард, ки ҳукумат нақши калидӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва робита бо тарафҳои дахлдор дорад ва амали шудани ин пешниҳод бояд аз ҷониби котиботи БСМШТИ ба роҳ монда шавад.

Гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла Шабакаи Иттиҳодияҳои Ҷамъиятии Тоҷикистон оид ба иқлим дар бораи набудани равандҳои васеътари машваратии тарафҳои дахлдор таъкид карданд. Бинобарин қайд карданд, ки машваратҳо танҳо дар вақти се миссияи муштараки кӯтоҳ сурат гирифтанд, кӯшише барои ҷалб кардан ба мубоҳисаҳо ва машваратҳо миёни он иқдомҳо анҷом нашуд, аз ҷумла дар дохили кишвар марказҳои ҳамоҳангсозӣ барои БСМШТИ дар миёни БРБ вуҷуд надоранд.

Дар вақти миссияҳои муштарак фурсат бисёр танг буд, ҷаласоти машваратӣ, ба воситаи семинари якрӯза гузаронида мешуд, ки ин барои таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои миссия имкониятҳоро маҳдуд менамуд.

Дар конфронс оид ба тағйирёбии иқлим, ки моҳи октябри соли 2010 дар Душанбе аз ҷониби СҒД-и маҳаллӣ бо кӯмаки ташкилоти Крисчэн Ейд, Оксфам/БК ва САҲА баргузор шуд, нигарониҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ руи когаз оварда шуда,тавсияҳо оид ба БСМШТИ/ БСМТИ(SPCR) пешниҳод шуда буданд (Замимаи 11).

СҒД-ии маҳаллӣ чиҳатҳои мусбии ҳамкориро бо Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба, махсусан ба гурӯҳи идоракунанда, ки он механизми асосии ҳамоҳангсозии БСМШТИ ба ҳисоб меравад, воридсозии



Аксбардор: Оксфам БК.



Аксбардор: Оксфам БК.

намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣро таъкид карданд. Ҳамчунин дар мавриди ҳамкории заиф миёни Бонкҳои Рушди Бисёрҷониба ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ изҳори нигаронӣ намуданд. Онҳо таъкид карданд, ки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи Марҳилаи 1 ба таври фаъол ҷалб нашуда буданд ва хеле дертар ба ҷаласоти машваратӣ даъват шуданд. Танҳо теъдоди маҳдуди созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон ба семинарҳо даъват шуда буданд ва ҷалбшавии онҳо хусусияти формалӣ (зоҳирӣ) (иштирок дар ду семинар) дошт, чунки онҳо қаблан дастрасӣ ба нақшаҳо ва аснод надоштанд, ки ба онҳо имкон диҳад пешниҳодҳо ва эродҳои созандаро ба Марҳилаи 1 пешбарӣ намоянд.

Нигаронии дигари чойдошта ин маҳдудияти дастрасии кормандони пешбарандаи БСМШТИ ба маълумот ва ҳуҷҷатҳо ба забони маҳаллӣ буд. Раванди роҳбарии БСМШТИ барои Тоҷикистон аз БҶ/БРО/БАБР ба дафтари марказии онҳо дар кишварҳои дигар асос ёфтааст; ин боиси маҳдудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан созмонҳои Тоҷикистон, ҷомеаҳо ва муассисаҳо, аз имкониятҳо ба дастрасии иттилоот ё ташвиқгарӣ барои таъсири амалисозии БСМШТИ шудааст.

Намояндагони Академияи илмҳои ҶТ таъкид карданд, ки шумораи ками намояндагони академияҳои илмӣ ба семинарҳои БСМШТИ даъват шуда буданд, вале бидуни иштирок дар машваратхои қаблӣ.

Созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ҳам таъкид карданд, ки машваратҳо бо

тарафҳои дахлдор танҳо бо сохторҳои ҳукуматӣ, донорҳо ва рӯйхати кӯтоҳи соз-монҳои ғайридавлатӣ маҳдуд будааст ва ҳамин тавр руйхат ташкилотҳои чамъиятиеро, ки метавонистанд манфиатҳои ахолии камбизоати сатҳи махаллро ҳимоя намоянд, фаро нагирифтааст. Махсусан занон – хочагидорон, ҳамчун гурӯҳи асосии осебпазир ба таҳияи барномаи БСМШТИ дар Тоҷикистон чалб нашуда, пешниҳодҳои онҳо дар вақти тарҳрезӣ ба инобат гирифта нашуда буд.

Нозири ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ташкилоти Экшен Ейд[1] аз зеркумита дар Вашингтон дар гузориши охирии худ таъкид кардааст, ки «БСМШТИ қадамҳои муҳиме ҷиҳати шаффофият дар сиёсати назоратии худ бардоштааст, ин шомил намудани чаҳор намояндаи ҷомеаи шаҳрванди аст (ба шумули як намоянда аз кишвари тараққикарда ва як намояндаӣ аз Африқо, Осиё ва Амрикои Лотини), ду намояндаи мардуми таҳҷои, ду намояндаи бахши хусусӣ ва як намоянда аз ҷомеае, ки ба мутобиқсозии равишҳо ҷиҳати бехатарии некуаҳволӣ таалуқ доранд». Ба ҳар ҳол, БСМШТИ ва Бонки ҷаҳонӣ барои чалб накардани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аъзои ҷомеа ба бозрасии БСМШТИ мавриди танқиди сахт қарор гирифтанд ва ин чунин маънӣ дошт, ки овоз ва нуқтаи назари ҷомеа дар марҳилаи ҳалкунандаи таҳияи барнома ба инобат гирифта нашудааст.

Бонки ҷаҳонӣ шарҳи пешрафт ва дастоварди кишварҳои БСМШТИ-ро аз чумла Тоҷикистонро, дар моҳи сентябри соли 2010 анҷом дод, аммо ин гузориш ба доираи васеъ дасрас набуд.

<u>Қарорҳои қабулшуда ва лоиҳаҳои интихобгардида.</u>

Тарафҳои дахлдоре, ки дар ин таҳқиқ мавриди мусоҳиба қарор гирифтанд, дар мавриди лоиҳаҳои интихобшуда дар марҳилаи I ва II-и барномаи БСМШТИ дар Тоҷикистон як қатор эрод ва танқидҳо баён доштанд. Банақшагирии муҳлати иҷроиши лоиҳаҳо дар ду марҳила ба муҳлати қарорҳои қабулшуда мувофиқ намеомад, дар ҳолате, ки марҳилаи аввал анҷом наёфта, (ё дар баъзе ҳолатҳо хатто оғоз нашуда) оиди марҳилаи дувум қарорҳо қабул шуда буданд.

Мувофики гуфтаҳои намояндаи БРО фаъолиятҳои марҳилаи II, ки дар санади Барномаи стратегии мутобиксозӣ ба тағйирёбии иқлим номбар шудаанд, имкониятро барои ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ ҷиҳати сармоягузории барои мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон фароҳам месозад. Онҳо дар БСМШТИ имконияти ҷой додани тагйирёбии иклимро дар рушди сармоягузори дар сатҳи макро (Ҳукумати Тоҷикистон) ва микро (ҷомеа/ҷомеаи шаҳрвандӣ) дар саросари кишвар, барои таъмини роҳҳои устувори рушд мебинанд.

БАБР дар ҷамъоварии маблағҳои иловагӣ барои Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим хеле муваффақ будааст ва то ба имруз 60 млн. доллари ИМА-ро ба сурати қарзҳо ва грантҳо аз Иттиҳодаи Аврупо, Бонки Инвеститсионии Аврупо ва аз ҷумла худи БАБР таъмин намудааст.

Намояндаи Шветсари дуҷонибаи тараққиёт, Агентии Шветсари оид ба рушд ва ҳамкорӣ таъкид карданд, ки раванди БСМШТИ мумкин аст ҳар чӣ бештар ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазирро фаро гирад дар ҳоле, ки амалҳои нусхабардорӣ ва паҳн кардани таҷрибаҳои хуби дар Тоҷикистон таҳияшуда аз ҷониби созмонҳои мухталиф ва дар минтақаҳои гуногун ба роҳ монда шаванд.

Ин ақида аз ҷониби СҒД-и байналмилалӣ ва маҳаллӣ тасдиқ карда шуд. Доираи васеъи ташкилотҳои байналмиллалӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ - ба шумули Оксфам, ФОКУС (FOCUS), Маркази Экологи (Ecocentre), Замини хурд (Little Earth), Марказ оиди коҳиши тағйирёбии иқлим ва офат ва Ассосиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ мунтаззам оиди лоиҳаҳои санчишӣ ва равишҳои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим, дар соҳаи кишоварзӣ, об, таъминоти энергия, коҳиши офат ва ғайра мубодилаи итиллот менамоянд.

Идоракунии БСМШТИ дар Тоҷикистон

Раванди амалисозии БСМШТИ дар Тоҷикистон зарурияти идора, назорат ва баҳо додани ин Барномаро ба вуҷуд меорад. Баъзе нақшаҳо дар чорчӯби санади БСМТИ вуҷуд доранд, вале аксарияти ҷабҳаҳо ҳанӯз ҳам бояд шарҳ дода шаванд. Ин пурсиш як қатор андешаҳоро дар ин асно инъикос мекунад.

**Figure 4.** PPCR Management structure in Tajikistan




Сохтори пешниҳодшуда дар санади БСМТИ (SPCR) асосан ба амалисозии БСМШТИ равона шудааст[13] ва аз тарафи БРО роҳбарӣ мешавад.

Мутобиқи гуфтаҳои намояндаи БРО, котиботи БСМШТИ ҳамоҳангии кулии фаъолиятҳои БСМШТИ-ро дар Тоҷикистон анҷом медиҳад ва иртиботи муассирро бо шумораи зиёди тарафҳои манфиатдор кафолат хоҳад дод.

Котиботи БСМШТИ дорои вазифа ва масъулиятҳои зерин аст :

1) назорати амалисозиии барномаҳо ва ҳамоҳангсози (координация) миёни ташкилотҳо,
2) кафолати ҷалби устувори тарафҳои дахлдор,
3) пешбурди (фасилитатсияи) чорабиниҳо ва дар чорчубаи муайян омодасозӣ ва пешниходи гузоришҳо/муайян намудани дониш ва таҷрибаҳои омӯхташуда;
4) тарҳрезии омузишҳои касбӣ ва маводҳои иттилоотӣ
5) масъули идора намудан ва гузаронидани санҷиши натиҷаҳои лоиҳаҳо.

Барои тезтар оғоз намудани кори котиботи БСМШТИ дар соли 2010, БРО муваққатан маблағгузори намуд. Котибот минбаъд тибқи ҷузъи эҷоди тавонмандии

гранти Марҳилаи II маблағгузорӣ мешавад.

Котиботи БСМШТИ дар таъсиси дигар механизмҳои ҳамоҳангӣ ба шумули Гурӯҳи мудирият нақши асоси мебозад. Гурухи мудирият бояд форум барои мубоҳиса ва роҳнамоии фаъолиятҳои БСМШТИ таъмин намояд, барои кафолат додани муҳимияти натиҷаҳои фаъолиятҳои  БСМШТИ, то ки ниёзҳои гурӯҳҳои мавриди ҳадаф дар маҳал низ дар назар гирифта шаванд.

Аъзоёни Гурӯҳи мудирият дар машварат бо ҳукумат ва дигар шарикони рушд муайян карда мешаванд.  Ба ҳайси аъзоёни ин гуруҳ метавонад  намояндагони СҒД, ҷомеаи шаҳрвандӣ, академия, бонкҳои рушди бисёрҷонида, мақомоти миллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шомил бошанд. Дар ин марҳилла, аъзоёни гуруҳи мудирият муайян нашудаанд ва мувофиқатномаи расмӣ дар чаҳорчӯби Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим оиди чунин намояндагӣ вуҷуд надорад.

СҒД-ии байналмилалӣ ва маҳалии Тоҷикистон хоҳиши қавӣ зоҳир карданд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар гурӯҳи мудирият, бо доштани ҳаққи овози муайян барои тасмим бояд намояндагӣ дошта бошад.

<u>Норасоии назаррас дар интихобҳои лоиҳаҳо аз руи Барномаи санҷишӣ оиди мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим</u>

Шореҳон аз як қатор СҒД-ии байналмилалӣ, муассисаҳои СММ, донорҳо ва академия таъкид карданд, ки баъзе норасоиҳоро онҳо дар таҳлили БСМШТИ ва лоиҳаҳои интихобшуда мушоҳида кардаанд.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва созмонҳои дигар барои воридсозии бахши саломатӣ ба лоиҳаҳои БСМШТИ, давоми маҷлисҳои машваратии БСМШТИ кушишҳои номувафақонаи зиёде намуданд, аз чумла таъсири тағйирёбии иқлимро ба зерсохторҳои саломатӣ қайд карданд. Аз чумла дар бораи таъсири тағийрёбии иклим ба инфрасохтори тибби зикр карда, таъкид карданд, ки тибқи таҳлилҳое, ки  онҳо дар лоиҳаҳои онҳо амали намуда истодаанд тағйирёбии иқлим ба об ва энергия дар беморхонаҳои деҳот таъсир мерасонад.

Созмони Ҳамкории Техникии Олмон (GTZ) изҳори нигаронӣ кард, ки бахши ҷангал дар фаъолиятҳои БСМШТИ дар назар гирифта нашудааст ва сабақҳои омӯхташуда тавассути лоиҳаҳои муваффақи дуҷониба дар Тоҷикистон мумкин аст нодида гирифта шаванд. Ҳангоми ҷаласаи машваратии миссияи муштараки дувуми БСМШТИ баъзе дарсҳо, донишҳои (таҷрибаҳои) омӯхташуда аз Лоиҳаи Ҳамкории Техникии Олмон  оид ба мудирияти ҷангалӣ дар Тоҷикистон муайян карда шуданд ва Ҳамкории Техникии Олмон омодагии худро барои нусхабардорӣ кардани таҷрибаи онҳо дар минтақаҳои дигар изҳор дошт, чун ҷангалшинонӣ унсури асоси барои мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

Як идда созмонҳо масъалаи тамаркуз кардан ба зерсохтори калонмиқёси обии барқиро дар бахши энергия ба ҷои нерӯгоҳҳои хурд ва дигар манбаҳои таҷдидшаванда дар минтақаҳои деҳот зери савол қарор доданд.

Ташкилоти ФОКУС, яке аз Ташкилоти Байналмиллалии марбут ба Шабакаи Тараққиёти Бунёди Оқо Хон қайд карданд, ки дараҷаи осебпазирӣ ва хатари ҷомеаҳои «баландкӯҳ» ва ҳамчунин дар «водиҳо» ҷойгир буда, бояд ворид карда шаванд. Ташкилоти Фокус таҷрибаи худро аз руи лоиҳаҳои баҳогузории деҳаҳои дурдаст дар Помир ва водии Зарафшон ҷиҳати рушди тавонмандиҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ оиди идора намудани хатарҳои онҳо мубодила карданд. Ин ақида барои баррасӣ бо БРО мубодила шуда буд.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки баъзе аз корҳои онҳо дар раванди БСМШТИ нодида гирифта шуда буданд, аз умла омӯзиши манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар Тоҷикистон. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарики худ монанди Барномаи

ҷонибдории инкишофи манотиқи кӯҳистон марбут ба Бунёди Оқо Хон то ба ҳол баъзе лоиҳаҳои энергияи офтоб, қувваи боду шамол, биогазро дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон роҳ андозӣ кардааст ва алакай баъзе натиҷаҳо ҳам ҳосил шудаанд, ки онҳо қобили нусхабардорианд.

Дар Конфронси бахшида ба иқлим дар моҳи октябри соли 2010 дар Душанбе баргузор гардида баъзе созмонҳои ғайридавлатӣ масъалаи суғурта дар бахши кишоварзиро бардоштанд, ки он ба фермерҳо имкон медиҳад, ки хатарҳои молии аз даст додани зироат аз таъсири тағйирёбии иқлимро сабук кунанд.

<u>Имкониятҳо оиди беҳтар намудани лоиҳаҳои Барномаи стратегии мутобиксози ба шароити тағйирёбии иқлим</u>

Барои дар оянда ба таври муфассал тарҳрезии лоиҳахои Барномаи стратегии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим, гурӯҳи васеътари тарафҳои дахлдор, махсусан, аз ҷомеаҳо, фермерҳо ва занон ҷалб карда шаванд.

Тарҳрезии лоиҳаҳо давоми марҳиллаи II-юм, гарчанде, ки муҳлат маҳдуд аст, бояд дар се самти аллакай афзалиятнок ва тасдиқшудаи санади БСМТИ чораҳои муайян пешниҳод шаванд:

(1) Бознигарӣ кардани тартиботи ниҳодии (институтсионалии) тағйирёбии иқлим ва ниёзҳои тавонмандӣ (таҳти роҳбарии БҶ ва бо тартиби грантӣ бо БРСММ),

(2) Таҳлили равишҳои устувори идораи замин барои шароитҳои тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон (таҳти роҳбарии БҶ),

(3) Таҳлили равишҳои ҳавзаи дарёҳо барои мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбии иқлим (таҳти роҳбарии БРО).



# Пешниҳодҳо оиди иловаҳо ба раванди маблағгузори, мониторингу арзёбии БСМШТИ

БСМШТИ ба воситаи лоиҳаҳо дорои имкониятҳои воқеи аст, ки метавонанд комилан сифати ҳаёти аҳолии дар минтақаҳои аз таъсири тағйирёбии иқлим зери хатари зиёд карордоштаро тағйир диҳад. То ҳол дар Тоҷикистон қарорҳои БСМШТИ бештар аз ҷониби кормандони БРБ бо машварати ғайрикофии онҳое, ки аз тағйирёбии иқлим бештар таъсир хоҳанд пазируфт, бароварда шудаанд.

Бо нишон додани раванди тарҳрезии БСМШТИ ба воситаи раванди машваратии лоиҳаҳои мазкур ҳамчун намуна барои пайрави намудани дигар имкониятҳои дастгиришаванда аз ҷониби Хазинаи Иқлими Сабз, таҳти конфронси дар Канкун баргузор гардида, хизмат хоҳад кард. Азхудкунии маблағҳои хазинаи Иқлими Сабз ба воситаи тақсимот аз ҷониби шӯрои намояндагони баробарҳуқуқи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф идора карда мешавад.

Барномаи Санҷишии Мутобиқсозӣ ба Тағйирёбии Иқлим (БСМШТИ) масъалаҳои марҳилаи аввали мабалғгузории мамлакати зери ҳадаф қарор доштаро, бо назардошти дарсҳои андухташуда барои ҷой додан ба хазинаи нави глобалии иқлим ҳал менамояд. Дар ташкил намудани хазинаҳо ин банди охирин ба ҳисоб меравад.[15]

**Самти лоиҳаҳои БСМШТИ оиди паст намудани таъсири хатар ба гуруҳҳои осебпазир**

Механизмҳо ва равандҳо барои истифодаи хазинаҳои мутобиқсозӣ бояд ҷомеаҳои барканормонда ва бештар осебпазир, аз ҷумла занону истеҳсолкунандагони хурди моводи хурокиро дар бар гирад. Ин ба фоидаи бештари хоҷагиҳои хурди истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ мутобиқсозии дубораи БСМТИ ва лоиҳаҳои инфиродиро талаб менамояд. Соҳаҳои мудохилае, ки метавонанд тавассути сармоягузориҳо барои тағйирёбии иқлим дастгирӣ шаванд, мавридҳои зеринро дар бар мегиранд

- таҳқиқот барои такмил додани сенарияи таъсири тағйирёбии иқлим ба чабҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ, чарогоҳҳо, идоракунии об ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии занон, мардону кӯдакони камбизоати деҳот.
- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳо барои таҳқиқот ва рушд дар минтақа, бо иштироки хоҷагидорон ҳам аз ҳисоби занҳо ва ҳам мардҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ, бахши хусусӣ ва академия.
- такмил додани дастрасӣ ба пешгӯии обу ҳаво ва механизмҳои расонидани иттилоот дар бораи пешгӯӣ ва шарҳи он ба хоҷагидорон занҳо ва мардҳо ва ҷомеаҳои деҳот.
- таҳия ва паҳн кардани амалияҳои хуби мавҷуда дар бораи мутобиқсозии ҷомеа ба тағйирёбии иқлим.
- ба тариқи озмоишӣ татбиқ ва оғоз намудан равишҳои мутобиқсозӣ барои ҳифзи кишоварзӣ, идоракунии чарогоҳ ва муассирии обу нерӯ, ки ба мутобиқ шудани занҳо ва мардҳо, ҷомеаҳои осебпазир ба шароитҳои тағйирёбандаи иқлимиву зистмуҳитӣ кӯмак хоҳанд кард.
- эҷоди тавонмандӣ дар ҳифзи кишоварзӣ, ҳифзи нерӯ ва коҳишдиҳии хатари офатҳои табиӣ дар ҷомеа.
- идоракунии хурд ва бузургмиқёси оби хоҷагӣ (қаторкашӣ, пӯшонидани сатҳи хок бо коҳ ё чизи дигар бар зидди бухор, обёрии қатраӣ ва ғайра).
- таъмини дастрасӣ ба навъҳои нави зироат ва гуногуниҳои нави зироат, ки ба шароитҳои гуногуни иқлимӣ, махсусан барои ҷомеаҳои дурдаст, мутобиқ шудаанд.
- рушди тавонмандиҳо ва маҳоратҳо дар



Аксбардор: Оксфам БК.

идоракунии ҷалб, татбиқ ва истифодаи сарчашмаҳои нави маблағгузориҳо сармоявӣ барои тағйири иқлим.

**Тарафдории Ҳукумати Тоҷикистон барои доштани соҳибияти комил оиди тарҳрезии лоиҳаҳо ва равонсозии маблағҳои БСМШТИ**

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон бояд дар тарроҳӣ, татбиқ ва сафарбаркунии захираҳо барои стратегияҳои миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим иҷрокунандаи асосӣ бошад. Як мақоми пешбари Ҳукумат бояд барои таҳияи чаҳорчӯбаи стратегияи миллӣ оид ба мутобиқсозӣ салоҳият ва вазифаҳои амалиётӣ дошта бошад, татбиқи стратегияро назорат ва захираҳои молиявиро ҳамоҳанг намояд. Ин мақомоти пешбар бо ҳамаи вазоратҳои шӯъбаҳои дахлдор, аз ҷумла бо онҳое, ки эҳтиёҷотҳои занҳоро муаррифӣ менамоянд, бояд ҳамкорӣ намояд. Стратегияи миллии мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон бояд минбаъд таҳия ва бо стратегияҳои рушди миллӣ ва коҳиши камбизоатӣ дар як қатор гузошта шавад. Маблағгузории БСМШТИ бояд ба эҷоди тавонмандии кормандони ҳукуматӣ саҳм гузорад то онҳо барои иҷрои нақшҳои пешсаф оид ба сармоягузории тағйирёбии иқлими кишвар қодир бошанд.

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷамоатҳо бояд барои иштироки маънидор дар тамоми раванди банақшагирӣ ва амалисозии маблағгузорӣ ба иқлим кафолат дода шаванд**

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва махсусан созмонҳои муаррификунандаи одамони бештар осебпазир ба тағйирёбии иқлим бояд барои пурра ҷалб шудан ва аз нуқтаи назари амалиётӣ ширкат варзидан ба таҳияву татбиқи стратегияҳои мутобиқсозӣ ва қарорҳо дар бораи маблағгузории мутобиқсозӣ қодир бошанд, то қарорҳо оид ба маблағгузорӣ эҳтиёҷот ва манфиатҳои онҳоро дар бар мегиранд.

Ба хотири мусоидат намудан ба ҷалби ҷомеа ва ихтиёр додан дар доираи раванди БСМШТИ, СҶШ, ҷамоатҳо, хонаводаҳо ва хоҷагидорони ҳам марду ҳам занро



Аксбардор: Оксфам БК.

зарур аст то мафҳумҳо ва татбиқи амалии чораҳои мутобиқсозӣ ба тағйири иқлим ва механизмҳое, ки аз он метавонанд ба таври молиявӣ дастгирӣ ёбанд, дарк кунанд. Чун хоҷагиҳое, ки сарварашон занон ҳастанд ва барои дарёфти зиндагии худ ба қитъаҳои хурди замини худ умед мебанданд ҳамчун хоҷагиҳои махсусан осебпазир ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон муайян шудаанд, механизмҳое, ки муаррифии онҳоро дар лоиҳаҳои БСМШТИ имкон фароҳам меоранд ва мониторинг бояд муқаррар намояд.

**Баробарии гендерӣ ва иштироки занон дар маблағгузорӣ ба иқлим бояд омили марказӣ бошад**

Дар саросари олам, тағйирёбии иқлим ба одамони камбизоаттарин ва онҳое, ки ба мутобиқ шудан ва кам кардани таъсири манфӣ тавонмандии маҳдуд доранд, хеле шадид таъсир хоҳад расонд. Дар Тоҷикистон, мисли бисёр маконҳои дигар, занон дар табақаи камбизоаттарини ҷомеа ба таври нобаробар муаррифӣ шудаанд. Сармоягузориҳо ба иқлим дар Тоҷикистон бояд ба арзёбии дақиқи гендерӣ асос ёбанд, ки таъсири гуногуни тағйирёбии иқлимро ба занону мардон таҳлил менамояд ва сармоягузориҳоеро роҳандозӣ мекунад, ки метавонанд ба эҳтиёҷоти ҳар ду вокуниш нишон диҳанд.

**Эҷоди тавонмандӣ бояд бо маблағгузорӣ ба иқлим ҳамроҳ бошад**

Зарур аст то захираҳо барои эҷоди

тавонмандие, ки бетаъхир, пешакӣ ва дар саросари раванд устуворона таъмин мешаванд, ҷудо карда шаванд. Эҷоди тавонмандӣ барои саросари вазоратҳои Ҳукумати Тоҷикистон, барои пешвоёни ҳукумати маҳаллӣ ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷамоат зарур аст. Стратегияи эҷоди тавонмандӣ бояд ҳар як сармоягузориро инъикос намояд, то он бо масъулиятҳо мувофиқ бошанд ва ба гузоришдиҳӣ имкон фароҳам орад. Ҳадафҳои эҷоди тавонмандӣ бояд салоҳиятҳои техникӣ ва тавонмандиҳои «нармтар» мисли ҷалб ва маҳоратҳои пешсафиро фаро гирад. Эҷоди тавонмандӣ дар сатҳи миллӣ низ соҳибияти миллиро, на тавассути умеди зиёд бастан ба кӯмаки техникии байналмилалӣ, ки бештари вақтҳо аз ҷониби донорҳо ва БРБ талаб мешаванд ва тавассути коҳиш додани хароҷоти баланди хадамоти машваратии байналмилалӣ, тақвият хоҳад дод.

**Равандҳои маблағгузорӣ ба иқлим бояд шаффоф бошанд ва ба мардуми Тоҷикистон гузориш дода шаванд**

Ҳукумат ва шарикони дар самти тараққиёт бояд ҳамаи санадҳои марбут ба истифодаи маблағҳои БСМШТИ-ро ба таври ошкоро эълон намоянд ва гузоришҳои пайваста ва ба ҷомеа дастрасро таҳия кунанд, ки чӣ гуна сарф шудани маблағҳоро шарҳ медиҳанд. Хароҷот бояд ба таври равшан дар таркибҳои андозагиришаванда ҷудо карда шаванд то ба мониторинг мусоидат намоянд.

Мандат, узвият, захираҳо ва тавонмандии мақомоти назоратӣ ва идоракунанда,



Аксбардор: Оксфам БК.

ҳамчунин ҳуқуқҳои овоздиҳӣ ва ихтилофи манфиатҳо дар дохили ин мақомот бояд ба таври дақиқ баррасӣ карда шаванд. Дар гурӯҳи пешниҳодшудаи кории котиботи БСМШТИ, ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бо ҳуқуқҳои комили овоздиҳӣ ҳузур дошта бошад.

Илова бар пешниҳоди БСМТШИ оиди сохтори идоракунӣ ва мониторинг, дигар сохторхои ухдадоршуда ба монанди аудитҳои иҷтимоӣ ва мақомоти мустақили назоратӣ, барои таъмин намудани гузоришдиҳӣ ба мардуми Тоҷикистон бояд истифода шавад.

Маблағи 50 миллион доллари амрикои, ки таҳти БСМШТИ ба Тоҷикистон сармоягузори шудааст пурра дар шакли грантӣ аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар оянда низ сармоягузорӣ ба тағийрёбии иқлим ба тарзи грантӣ на ба тарзи карздиҳӣ ба роҳ монда мешавад.

**Равишҳои миллии сармоягузорӣ ба иқлим бояд бо истифода аз моделҳои мавҷуда огоҳ карда шаванд**

Равишҳои сармоягузорӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон бояд унсурҳои механизмҳои мавҷудаеро баррасӣ намояд, ки ҳам ба занҳо ва ҳам ба мардҳое, ки камбизоатанд хидмат расониданд. Чунин механизмҳо дар лоиҳаҳои мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, бештари вақтҳо бо дастгирии донори байналмилалӣ, вуҷуд доранд. То ҳадди имкон шартҳои маблағгузорӣ ба иқлим бояд бар мақомот ва сохторҳои мавҷуда асос ёбанд, вале на мақомоту сохторҳои навро таъсис диҳанд. Гирандагони маблағ бояд барои бевосита, бе зарурати созмонҳои миёнарав, дастрасӣ доштан ба захираҳо имкон дода шаванд.

Чун БСМШТИ намунаи нахустини сармоягузории бузургтари оянда хоҳад буд, барои Тоҷикистон ташкил намудани мақомоти ягона ва салоҳиятдор имкониятест, то тавонад сармоягузориҳоро худ ба нақша гирад ва назорат намояд ва бо ҳамин роҳ, аз хароҷоти додугирифтии бисёрҷонибаи маъмурӣ, мисли се БРБ, каноригарӣ кунад.

# Феҳристи китобҳои истифодашуда


Food and Agriculture Organization of the United Nations (FAO), Sept 2008, FAO'S Role In the 2008/2009 Humanitarian Food Security Appeal for Tajikistan).

UN, Tajikistan Humanitarian Food Security Appeal, 2008-2009

OSCE research on Climate Change in Tajikistan, NGO Youth 21 century, 2010

Righting two wrongs. Making a new Global Climate Fund work for poor. Oxfam International, October 2010.

Tajikistan National Action Plan for Climate Change Mitigation (2003)

First National Communication Report of Tajikistan to UNFCCC (2003) http://unfccc.int/resource/docs/natc/tainc2.pdf

Second National Communication Report of Tajikistan to UNFCCC (2008), Dec 2008 http://unfccc.int/resource/docs/natc/tainc2.pdf

Tajikistan National Development Strategy, http://untj.org

Tajikistan Joint Country Partnership Strategy (JCPS), http://untj.org

Tajikistan Poverty Reduction Strategy (PRS-3 for 2010-2012), http://untj.org


**Истинодҳо**


1. Тоҷикистон, Бангладеш, Камбоҷия,Эфиопия,Непал,Филиппин ва Ветнам
2. http://www.climatefundsupdate.org/listing/pilot-program-for-climate-resilience
3. http://www.climatefundsupdate.org/listing/pilot-program-for-climate-resilience Охирин тағиротҳо дар сомонаи Хазинаи Сармоягузории Иқлим, www.brettonwoodsproject.org
4. Охирин тағиротҳо дар сомонаи Хазинаи Сармоягузории Иқлим, www.brettonwoodsproject.org
5. Созмони Озуқа ва Кишоварзӣ (FAO), Миссияи баҳогузории ҳосилнокӣ ва бехатари озуқа дар Тоҷикистон. Октябри 2009
6. Таҳқиқот: сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон 2007. Идораи Давлатии Омор, Бонки Ҷаҳонӣ ва Юнисеф.
7. http://en.wikipedia.org/wiki/List_of_countries_by_carbon_dioxide_emissions_per_capita
8. Гузориши Оксфам: Оё ба лаҳзаи таҳаввулот расидем? Тағйирёбии Иқлим ва камбизоатӣ дар Тоҷикистон. Феврали 2010
9. http://www.climateinvestmentfunds.org/cif/node/4
10. Созмони Озуқа ва Кишоварзӣ, Миссияи баҳогузории ҳосилнокӣ ва бехатари озуқа дар Тоҷикистон. Октябри 2009
11. Масъалаҳои гендерӣ ва ислоҳоти замин дар Тоҷикистон, Вилоят Мирзоева. Созмони Тараққиёти Занон СММ (UNIFEM), Vol.5, No. 2, 2009 ISSN 1822-3346 Иқтисодиёт ва тараққиёти соҳаи хоҷагии қишлоқ
12. Бонки Ҷаҳонӣ, 2009, Мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ.
13. IPCC, Чорумин гузориши таҳқиқотӣ, 2007, Таъсир, Осебпазирӣ ва Мутобиқсозӣ
14. http://www.climateinvestmentfunds.org/cif/sites/climateinvestmentfunds.org/files/TajikistanAcceptanceTemplate_Eng.pdf
15. "Righting Two Wrongs" (Oxfam Briefing Note, October 2010).

© Оксфам Великобритания Январи 2011
Хуҷҷати мазкур омода шуд барои Оксфами Британия Кабир дар Тоҷикистон, кучаи Бузургзода 53, Шуъбаи почтавии 183, ш. Душанбе, Тоҷикистон.
Оксфам БК саҳмгузории Светлана Ҷумаеваро дар омода намудани ҳуҷҷати мазкур тасдиқ мекунад.
Ҳуҷҷати мазкур аз зумраи он ҳуҷҷатҳое аст, ки барои ба саъми ҷомеа расонидани маълумотҳо оиди тараққиёт ва сиёсати гуманитарӣ хизмат хоҳад кард.
Матни ҳуҷҷати мазкурро метавон бо мақсади ташвиқу тарғиб, таблиғот, таълимӣ ва таҳқиқӣ таври ройгон бо шарти истиноди пурра ба манбаъ мавриди истифода қарор дод. Соҳиби ҳуқуқи табъу нашр (муаллифӣ) хоҳиш мекунад, ки ҳама ҳолатҳои ин гуна истифодабарӣ бо мақсади арзёбии таъсири он аз ҷониби Оксфам ба қайд гирифта шаванд.

Барои нусхагирӣ дар ҳама ҳолатҳои ғайр, ё истифодабариии такрорӣ дар нашрияҳои дигар, ё барои тарҷума ё табдил рухсат бояд гирифт ва метавон ҳақ ситонид.

Нишонаи электронӣ **publish@oxfam.org.uk**
Маълумот дар ин нашрия дар лаҳзаи нашриявӣ боэътимод аст.
Барои иттилооти иловагӣ ё барои ибрози ақидаи худ оиди масъалаҳои дар санади мазкур зикрёфтта лутфан ба нишонаи электронии dushanbe@oxfam.org.uk муроҷиат намоед.

Изданно при поддежке Оксфам ВБ под ISBN 978-1-84814-810-9 в Январе 2011.
Оксфам ВБ, Дафтари кории Oxfam, кучаи Ҷон Смис, Ковли, Оксфорд, OX4 2JY, Шоҳигарии Муттаҳида.
Oxfam ҳамчун ташкилоти хайрияви дар Инглистон ва Уэльс (тахти рақами  202918) ва Шотландия  (SC039042) ба қайд гирифта шудааст.
Oxfam БК аъзои Oxfam Байналимиллал аст.

Design and printed by “Promotion“ LLC (www.promotion.tj)

Oxfam